**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии № ____**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 12-уми ноябри соли 2020, №15**

Барои сазовор донистани Иноятова Зебинисо Подабоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи «**Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)**», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ рӯзи 11 августи соли 2020 (қарори № 5) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, № 61) ба ҳимоя қабул **карда шудааст**.

Иноятова Зебинисо Подабоновна 22-юми декабри соли 1972 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Айни ҳол дар вазифаи сардори бахши ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии “Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон”;
2. **Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи “Илм ва ҳаёт”;

**Муассисаи тақриздиҳанда –** Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби декани факултети режиссура, кино ва телевизион доктори илмҳои филологӣ, дотсент Муъминҷонов Зулфиддин ва аз ҷониби ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Низомӣ Муҳриддин Зайниддин тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи «**Мавқеи муаллиф-ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)**» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Иноятова

Зебинисо Подабоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**1. Маҷаллаҳои тасдиққунандаи КОА ҶТ**

[1-М]. Иноятова, З. П. Арзишҳои инсон бо хулқи ҳамида / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – №4/2. – С. 184 -187.

[2-М]. Иноятова, З. П. Саршори зиндагӣ / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – №4/5. – С. 160 - 163.

[3-М]. Иноятова, З. П. Муаммои тасвир ва тасаввур дар ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №4/1. – С. 233-236.

[4-М]. Иноятова, З. П. Набардгоҳи зиндагӣ дар як асар / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №4/4. – С. 231-234.

[5-М]. Иноятова, З. П. Қиссаҳои “Зайнаббибӣ” ва “Писари газета” дар мизони муқоиса / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 225-227.

[6-М]. Иноятова, З. П. Чанд шинохти ноқил ва муаллиф / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 275-280.

[7-М]. Иноятова, З. П. Нақши ноқил дар анвои наср / З. П. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 229-234.

**11. Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар**

[8-М]. Иноятова, З. П. Ҳунари портретсозӣ дар осори Ф. Муҳаммадиев / З. П. Иноятова // Журналистикаи байналхалқӣ V. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2013. – С. 91 – 96.

[9-М]. Иноятова, З. П. Размышления о жанровой специфике произведения Ф. Мухаммадиева “Биби Зайнаб” / З. П. Иноятова // Материалы международной межвузовской научно-практической конференции. – Душанбе, 2016. – С. 129 - 136.

[10-М]. Иноятова, З. П. Об ва манзури адиб дар мисоли ду очерки Ф. Муҳаммадиев / З. П. Иноятова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи конференсияи ҷумҳуриявии “Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ”. – Душанбе, 2019. – С. 139 - 145.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мурувватиён Ҷамила Ҷамол бо эродҳои зерин:

а) Муҳаққиқ дар асоси маводи диссертатсионӣ кам хулосабарорӣ кардааст;

б) Дар матни фишурда баъзан ғалатҳои имлоӣ ва услубию техникӣ ба назар мерасад, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

2. Номзади илмҳои филологӣ, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Эҳсон чунин эрод гирифтааст:

а) Дар автореферат пажӯҳиши на ҳамаи олимони соҳа вобаста ба мавзӯъ нишон дода шудааст.

б) Дар охири фаслу бобҳо хулосаҳо бояд мукаммал карда мешуданд.

в) Дар баъзе ҷумлаҳо хатоҳои услубӣ ба назар мерасанд.

3. Номзади илмҳои филологӣ Рустамзода Дилафрузи Абдусалом чунин эрод гирифтааст:

а) Ҷанбаи назариявии автореферати диссертатсия масъалаҳои марбутро фаро гирад ҳам, баъзан қиёсу таҳлилҳо дар нишон додани ҳадафи меҳварии муаллиф чандон амиқ нестанд.

б) Агар ба таври фарохтар аз тариқи қиёс осори Ф. Муҳаммадиев бо дигар адибони ҳамзамонаш ҷараён пайдо мекард, ҷанбаи илмии кор беҳтар мегардид.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, оид ба соҳаи диссертатсияи мазкур асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Муассисаи тақриздиҳанда яке аз муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масъалҳои рӯзномангорӣ саҳмгузор мебошад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Иноятова Зебинисо Подабоновна бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда ба таҳлилу таҳқиқи осори публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев даст зада, ба хулосае омадааст, ки публитсистикаи ӯ бозгӯи ҳаёти воқеӣ буда, дар он ақидаҳои худшиносӣ, гуманитарию фалсафии нависанда инъикос ёфтаанд ва ин ҷузъиёт бештар дар вобастагӣ ба фаъол будани образи ноқил дар чанд самт дар диссертатсия **коркард карда шудааст**.

Масъалаи воқеият ва бадеият дар насри публитсистӣ, хусусан, дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев мавқеи махсус дошта, омӯзишу баррасии он чандин ҷабҳаро фаро мегирад. Яке аз масъалаҳои нисбатан камтаҳқиқшуда нақши ноқил дар публитсистикаи адиб мебошад, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, барои ҳимоя **пешниҳод шудааст**.

Нақши ноқил дар асарҳои нависанда барҷаста буда, воқеаю ҳодисаҳои рӯз аз забони ноқил баён мегардад. Нақши ноқил дар шаклгирии сужа, тарзи сужабандӣ, сохтору тасвир ва ҳолати рӯҳии персонажу қаҳрамонҳо, ки намояндагони қарни XX мебошанд, аҳамияти хосса дошта, моҳият ва таъйиноти он дар диссертатсия **исбот шудааст**.

Муайян намудани нақши ноқил дар осори Ф. Муҳаммадиев ва ба ин восита баррасии тафовут ва монандиҳои осори адабӣ ва публитсистии нависанда, таносуби воқеияту бадеият дар публитсистикаи бадеӣ ва нишон додани нақши ноқил дар насри публитсистӣ **ҷорӣ шудааст**.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** диссертатсия, ки дар заминаи таҳқиқи асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев, хусусан, силсилаи асарҳои маҷмӯаи «Дӯстон тоҷи сар», қиссаи мустанади «Зайнаббибӣ» ва «Писари газета» фароҳам омадааст, имконият медиҳад, то мавқеи сухани муаллиф чун ноқил ва муносибати иҷтимоии ӯ дар ҷомеа муайян шавад. Маълум мешавад, ки шахсияти нависанда ва таъминоти ҷисмониву рӯҳӣ ва ҷаҳонбинии персонажу қаҳрамонҳояш нақши муҳим дошта, он муносибати шахсро ба ҷомеа ва ҷаҳони муосир басо мувофиқ ва омӯзанда **нишон додааст**.

**Исбот шудааст,** ки нақши ноқил дар асар ба чигунагии мавзӯъ иртибот пайдо менамояд. Мавзӯоти иҷтимоӣ, ки як навъ зарурат ба тавзеҳу шарҳи оҷил доранд, нақши ровиро дар асар меафзоянд. Ноқил дар ин ҳолат чун расонандаи ҳолати воқеии рухдод шинохта мешавад. Дар чунин ҳолат ӯ ба офарандаи як асаре табдил меёбад, ки таърихи рӯзро менависад.

Дар диссертатсия аз методҳои анъанавии омӯзиши публитсистика, аз ҷумла, методҳои таърихӣ - хронологӣ ва таҳлили муқоисавӣ - тартибӣ **истифода шудаанд**.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки натиҷаи корро дар курс ва семинарҳои тахассусӣ дар факултетҳои филология ва журналистикаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ, дар таълифи китобҳои дарсӣ ва омӯзиши таърихи журналистикаи тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Вижагиҳои бадеӣ ва нақши ноқил дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев дар заминаи таҳлилу баррасиҳои унвонҷӯ **муайян шудаанд**.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва афкори олимони соҳа, аз ҷумла М. Шакурӣ, М. Имомзода, Х. Шарифов, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Муродӣ, А. Азимов, М. Абдуллоев ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ М. Бахтин, Е. Журбина, М. Черепахов, С. Табаров, А. Нуралиев, Ш. Муллоев, С. Гулов, М. Шоев, А. Қутбиддинов ва дигар олимон **омӯхта шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии осори публитсистӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳо

машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун низ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ рӯзи 12. 11. 2020 дар бораи ба Иноятова Зебинисо Подабоновна додани дараҷаи илмии номзади илми филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор – 17 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Садуллоев Ҷ. М.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.